ХУЛОСАИ НИҲОИИ
шурои диссертатсионии 6D.КОА-079
назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи
А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз рӯйи
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос

Парвандаи аттестатсионии № ___
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 11.04.2026, № 42

Дар бораи сазовор донистани Талбаков Саидаҳтам Исроилович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050204 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ).

Диссертатсияи Талбаков Саидаҳтам Исроилович дар мавзуи «Ҳадафҳои стратегии ШМА дар фазои геополитикии Осиёи Марказӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050204 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ) ба ҳимоя дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-079 назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон 10 -уми январи соли 2026 (Протоколи № 38) қабул гардидааст (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2024, №364 ш/д).

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Талбаков Саидаҳтам Исроилович 25 – уми сентябри соли 1998 таваллуд шуда, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Соли 2020 зинаи бакалаври Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси минтақашиносии хориҷӣ хатм кардааст. Инчунин, соли 2022 зинаи магистратураи Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистонро бо ихтисоси муносибатҳои байналмилалӣ хатм кардааст.

Солҳои 2020-2022 ба ҳайси лаборанти калон ва ходими хурди илмии шуъбаи Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон фаъолият намудааст. Солҳои 2022-2023 ҳамчун ассистенти кафедраи дипломатия ва

муносибатҳои байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Талбаков Саидаҳтам Исроилович зинаи докторантураи PhD-ро солҳои 2022-2025 дар Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси минтақашиносии сиёсӣ ва сиёсати мардумшиносӣ хатм намудааст.

Аз моҳи ноябри соли 2025 то ба имрӯз ҳамчун мутахассиси раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Роҳбари илмӣ: **Каримов Шамсиддин Турсунматович,** доктори илмҳои сиёсӣ, сарходими илмии шуъбаи ШМА ва Канадаи Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ.

Муқарризони расмӣ:

1. **Муҳаммадзода Парвиз Абдураҳмон -** доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, мудири кафедраи дипломатия ва сиёсати хориҷии Тоҷикистони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

2. **Саидов Ҳомид Саидович -** доктори илмҳои сиёсӣ, профессори кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва дипломатияи Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ ба диссертатсия тақризҳои мусбат додаанд.

Муассисаи пешбар - Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалӣ, номзади илмҳои таърих Алуев Анушервон Сайфидинович, ташхисгар (омодасози лоиҳаи тақриз) номзади илмҳои таърих, Мамадазимов Абдуқаюм Абдуғаниевич ва котиби маҷлис, номзади илмҳои сиёсӣ Наимӣ Исмоил Нурулло имзо гардидааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Талбаков Саидаҳтам Исроилович дар мавзуи «Ҳадафҳои стратегии ШМА дар фазои геополитикии Осиёи Марказӣ» дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси номбаргардида мебошад.

Талбаков Саидаҳтам Исроилович оид ба мавзуи диссертатсия 8 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп намудааст. Инчунин оид ба масъалаҳои мавзуи диссертатсионӣ дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва

байналмилалӣ баромад намудааст. Натиҷаҳои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос ёфтаанд:

I. Мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Талбаков, С.И. Осиёи Марказӣ ҳамчун минтақаи манфиатҳои ШМА [Матн] / С.И. Талбаков // Идоракунии давлатӣ. – 2023. – №. 4-1(63). – С. 370-380.
2. Талбаков, С.И. Таҳаввулоти сиёсати хориҷии ШМА нисбат ба минтақаи Осиёи Марказӣ [Матн]/ С.И. Талбаков // Идоракунии давлатӣ. – 2024. – № 1(66). – С. 405-412.
3. Талбаков, С.И. Хусусиятҳо ва таносуби моделҳои муосири давлатсозиву миллатсозӣ дар ИМА, Аврупо ва Осиёи Марказӣ [Матн] / Н. Ҳ. Воҳидов, С.И. Талбаков // Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. – 2025. – № 1(13). – С. 59-73.
4. Талбаков, С.И. Вижагиҳои сиёсати минтақавии ИМА дар Осиёи Марказӣ [Матн] / С.И. Талбаков // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2025. – № 1(89). – С. 48-56.
5. Талбаков, С.И. Зарурияти тағйироти қонуни Ҷексон-Вэник барои тақвияти равобити ИМА бо кишварҳои Осиёи Марказӣ [Матн] / С.И. Талбаков // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2025. – № 2(90). – С. 107-115.
6. Талбаков, С.И. Омилҳои монеаафкан дар сиёсати хориҷии ИМА нисбат ба Осиёи Марказӣ [Матн] / С.И. Талбаков // Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. – 2025. – № 2(14). – С. 106-116.
7. Талбаков, С.И. Мақоми минтақаи Осиёи Марказӣ дар низоми амнияти миллии Штатҳои Муттаҳидаи Америка [Матн] / Ш. Т. Каримов, С.И. Талбаков. // Осиё ва Аврупо. – 2025. – № 3(23). – С. 29-44.
8. Талбаков, С.И. Ҳолат ва дурнамои тарҳи нави ҳамкории ШМА бо кишварҳои Осиёи Марказӣ [Матн] / С.И. Талбаков // Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. – 2025. – № 3(15). – С. 106-116.

II. Мақола ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаи маводи конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ

9. Талбаков, С.И. ШМА дар Осиёи Марказӣ: ташаккули воқеияти нави геополитикӣ [Матн] / С.И. Талбаков. // Масъалаҳои мубрами сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷмуи маърузаҳои конфронс ва мизҳои гирд), Душанбе, «Аржанг», 2023. С. 136-144.

10. Talbakov, S.I. Political stability and its features at the new stage of statehood development of Tajikistan [Text] / S.I. Talbakov // Tajikistan in the years of independence: sociopolitical aspects of sustainable development (collection of articles). – Dushanbe, 2025. P. 189-196.

Ба автореферати диссертатсия тақризҳои муҳаққиқони зерин ворид шудаанд:

Акмалова М.А. - доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, директори Маркази равандҳои сиёсӣ, ҳамгироӣ ва дипломатияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст ва чунин эродҳо дорад:

1. Дар забон ва услуб, баъзе ҷумлаҳо зиёда аз ҳад тӯлонӣ ва мураккаб буда, бо сабки соддатар ва равшантар метавонанд ифода шаванд;

2. Дар қисматҳои тоҷикӣ ва русии автореферат баъзе хатоҳои имлоӣ мушоҳида мегардад.

Саидов А.С. - доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, мудири кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгохи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тақриз мусбат аст ва эрод надорад.

Қобилов М.З. - доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020200 - муносибатҳои байналмилалӣ, декани факултети муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. Тақриз мусбат аст ва эрод надорад.

Ҳусайнзода А.Б. – номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, муовини аввал, муовини ректор оид ба корҳои таълимӣ-методии Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст ва чунин эрод дорад:

- агар довталаб дар таҳқиқоти илмии худ ба масъалаи тарҳҳои навтарини ҳамкориҳои ШМА бо кишварҳои Осиёи Марказӣ аз қабили «С5+1» ва «В5+1» диққат дода, онро дар зербоби алоҳида таҳқиқ менамуд, арзиши илмии кор боз ҳам боло мерафт.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми июни соли 2023, таҳти №295 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризон ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо дар мавзуи таҳқиқшуда, аз ҷумла дар бораи ҷанбаҳои гуногуни сиёсати хориҷии ШМА, робитаҳои Амрико бо Тоҷикистон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ, сиёсати Амрико дар Афғонистон, ҷойгоҳи геополитикии Осиёи Марказӣ, ҳадафҳои стратегии қудратҳои ҷаҳонӣ дар Осиёи Марказӣ, масъалаҳои

таъмини амнияти минтақавӣ ва ғайра корҳои илмӣ-таҳқиқотиро анҷом доданд ва мутахассисони шинохтаи соҳаҳои илми худ маҳсуб меёбанд.

Муассисаи пешбар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти омӯзиши робитаҳои ШМА бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, вазъи геополитикии минтақа, пешгирии таҳдиду хатарҳо ва таъмини амнияти минтақавӣ саҳми назаррас дорад. Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, ба масъалаҳои ҳузури қудратҳои ҷаҳонӣ дар Осиёи Марказӣ ва таъсири онҳо ба суботу устуворииии Тоҷикистон аҳамияти хоса медиҳад.

Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:

- дар асоси таҳлили заминаҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва бо натиҷагирӣ аз доктринаҳо тамоюлҳо ташаккули сиёсати хориҷии ШМА-ро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шуда, аз онҳо натиҷагирӣ карда шудааст. Ҳангоми омӯзиш андешаҳои муҳақиқон ва сиёсатмадорон ба таври зарурӣ истифода гардидаанд;

- дар заминаи таҳлили муқоисавӣ бо сиёсатҳои дигар қудратҳои ҷаҳонӣ ва дар заминаи таҳаввули низоми муносибатҳои байналмилалӣ вижагиҳои хоси сиёсати минтақавии ШМА дар Осиёи Марказӣ муайян карда шудааст. Зимни таҳлил тамоюли кишварҳои минтақа нисбат ба равандҳои геополитикӣ инъикос карда шудааст;

- дар алоқамандӣ бо ҷараёни татбиқи лоиҳаҳои амрикоӣ дар минтақа ва дар заминаи таҳлили консепсияҳои геополитикии ғарбӣ, ҳадафҳои стратегии ШМА дар фазои геополитикии Осиёи Марказӣ арзёбӣ гардидааст. Зимни баррасӣ самаранокии тарҳҳои минтақавии Амрико барои кишварҳои Осиёи Марказӣ нишон дода шудааст;

- бо такя ба санадҳои танзимкунандаи робитаҳои байнидавлатӣ самтҳои асосӣ ва шаклҳои амалигардонии сиёсати хориҷии ШМА дар Осиёи Марказӣ мавриди таҳлили амиқи илмӣ қарор гирифтааст. Зимни баррасиии масъала самаранокии сиёсатҳои ҷонибҳо арзёбӣ гардидааст;

- дар робита ба вазъи геополитикии минтақа ва ба инобат гирифтани интизориҳои кишварҳои минтақа аз қудратҳои ҷаҳонӣ мушкилиҳои асосии сиёсати хориҷии ШМА дар Осиёи Марказӣ нишон дода шудааст. Зимни таҳлил сатҳи таъсиррасонии онҳо ба суботи минтақавӣ ва бақои соҳибихтиёрии кишварҳои минтақа муайян гардидааст;

- бо назардошти масъалаҳои муайян ва номуаяйнӣ дар баъзе сиёсатҳо, дурнамои амалишавии ҳадафҳои стратегии ШМА дар Осиёи Марказӣ арзёбӣ гардида, пешомади онҳо барои кишварҳои минтақа баррасӣ гардидааст;

Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо саҳми он дар рушди назарияи муносибатҳои байналмилалӣ, геополитика ва минтақашиносӣ, бахусус, дар амиқтар фаҳмидани механизмҳои ташаккул ва татбиқи сиёсати хориҷии қудратҳои бузург дар ҷаҳони бисёрқутбӣ асоснок мегардад. Дар таҳқиқот модели ҳамаҷонибаи таҳлили ҳадафҳои стратегии ШМА дар фазои геополитикии Осиёи Марказӣ бо назардошти ҳам омилҳои анъанавӣ, аз қабили ҷойгиршавии ҷуғрофӣ ва дастрасӣ ба захираҳо ва ҳам чолишҳои нави марбут ба паҳншавии терроризм, таҳдидҳои киберӣ ва рақобат барои нуфуз дар фазои иттилоотӣ пешниҳод шудааст.

Таҳқиқоти мазкур метавонад барои таҳлили стратегияҳои қудратҳои дигар дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон, инчунин барои пешгӯии сенарияҳои ояндаи рушди муносибатҳои байналмилалӣ истифода шавад. Илова бар ин, таҳқиқот ба баҳс дар бораи нақши ШМА дар Осиёи Марказӣ ва таъсири он ба амният ва суботи минтақавӣ тавассути пешниҳоди дурнамои нав ҷиҳати дарки муносибатҳои мураккаби сиёсати хориҷии ШМА ва тамоюлҳои рушди кишварҳои минтақа мусоидат мекунад.

Принсипҳои назариявии дар кор таҳияшуда метавонанд барои таҳияи тавсияҳои амалӣ барои ҳукуматҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки ба беҳсозии сиёсати хориҷии онҳо ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар шароити афзояндаи ташаннуҷи геополитикӣ нигаронида шудаанд, истифода шаванд.

Аҳамияти амалии мавзуи таҳқиқот дар истифодаи натиҷаҳои он дар таҳия ва тасҳеҳи стратегияҳои сиёсати хориҷии давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар самти муносибат бо ШМА асоснок гардидааст. Илова бар ин, натиҷаҳои таҳқиқотро барои таҳияи гузоришҳои таҳлилӣ ва тавсияҳо барои мақомоти давлатӣ, ки барои ташаккули сиёсати хориҷӣ масъуланд, инчунин барои баланд бардоштани тахассуси кормандони дипломатӣ ва коршиносон дар соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ истифода бурдан мумкин аст. Ҳамзамон, маводи диссертатсионӣ метавонанд ба барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки мутахассисонро оид ба муносибатҳои байналмилалӣ, сиёсатшиносӣ ва минтақашиносӣ тайёр мекунанд, дохил карда шаванд.

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки натиҷагирӣ, хулосаҳо ва пешниҳодот дар таҳқиқот дар асоси таҳлили сарчашмаҳои назариявию методологии диссертатсия асоснок карда шудаанд. Илова бар ин, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ ба натиҷагирӣ аз равандҳои воқеӣ ва хусусияти зинда доштани таҳлилҳои муаллиф асоснок мегардад. Саҳеҳӣ ва фарогирии маълумоту далелҳои таҳқиқот, ки дар натиҷаи таҳлили ҳамаҷонибаи доираи васеи сарчашмаҳои арзишманд ба даст омадаанд, инчунин, дар алоқамандӣ бо ҳаҷми кофии маводи таҳқиқотӣ ҷавобгӯйи

принсипҳои ояндабинии стратегӣ мебошад. Зимни хулосабарорӣ ва таҳияи тавсияҳои судманд, манфиатҳои миллии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ШМА дар соҳаи сиёсати хориҷӣ, аз ҷумла, вижагиҳои хоси марҳалаи нави рушди давлатдории миллии Тоҷикистон ба инобат гирифта шудааст.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот ба мустақилона интихоб намудани мавзуъ ва мубрамии он, муайянсозии мақсад ва иҷрои вазифаҳои таҳқиқот, инчунин дар асоси таҷрибаҳои амалӣ анҷом додани таҳқиқот асоснок мегардад. Дар натиҷаи ташхиси сарчашмаҳои аввалияи иттилоотӣ ва иштирок дар лоиҳаҳои аз ҷониби ниҳодҳои сиёсати хориҷии ШМА роҳандозӣ гардида, довталаб ҷиҳати муқаррар намудани масъалаҳои асосии таҳқиқот, муқаррароти назариявӣ ва методологӣ, инчунин, таҳияи тавсия ва хулосаҳои ба шароити воқеӣ муносиб комёб гардидааст. Ҳамин тавр, талошҳои довталаб ҷиҳати ташаккул додани мактаби амрикошиносӣ ва геополитикаи тоҷик, инчунин рушди мактаби таҳлилнависии тоҷик равона гардидаанд. Хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи довталаб ба шумор мераванд.

Маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз таърихи 11 апрели соли 2026 дар бораи сазовор донистани Талбаков Саидаҳтам Исроилович ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050204 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ) қарор қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 12 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар.

Аз 12 нафар иштирокчиён, ки дар маҷлиси шуро ҳозир буданд, овоз доданд: тарафдор – 12, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор -–нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои сиёсӣ _____ / Қувватзода С. З.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ _____ / Сангинов Н.Н.

11.04.2026